“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”

Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, д.и.и., профессор Шарифзода М.М. ____________

«_26_» ____09____________ 2023 с.

**ХУЛОСАИ**

**маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Диссертатсияи Саидова Малика Абдурасуловна дар мавзуи “Бисёрҳизбӣ ҳамчун омили муҳими рушди равандҳои демократӣ дар Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар кафедраи сиёсатшиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардидааст.

Саидова М.А. соли 2007 факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқиро бо ихтисоси сиёсатшиносӣ хатм карда, фаъолияти меҳнатии худро дар Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба ҳайси мудири шӯъбаи занон оғоз намудааст. Дар айни замон муаллимаи калони кафедраи сиёсатшиносӣ фаъолият намуда истодааст. Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия Саидова Малика Абдурасуловна ҳамчун унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият намуд.

Роҳбари илмӣ Акмалова Мунира Абдунабиевна - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор ба ҳайси декани факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ фаъолият менамояд.

Унвонҷӯ имтиҳонҳои минимуми номзадиро бо баҳои хубу аъло супоридааст, ки шаҳодатномаҳо аз санаи 28.06.2015 таҳти № 676 (фанҳои таърих ва фалсафаи илм), 08.06.2023 таҳти № 303 (забони англисӣ) дода шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи номзадӣ дар мавзуи "Бисёрҳизбӣ ҳамчун омили муҳими рушди равандҳои демократӣ дар Тоҷикистони муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ чунин хулосаҳо қабул карда шуд:

**1. Баҳодиҳии мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи дессертатасияи Саидова Малика Абдурасулона актуалӣ буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи таҳқиқотӣ оид ба бисёрҳизбӣ ҳамчун омили муҳими рушди равандҳои демократӣ дар Тоҷикистони муосир арзёбӣ гаштааст.

Дар мавриди таҳкимбахшии низоми демократӣ таваҷҷуҳ намудан ба якчанд ҷиҳатҳои ниҳодӣ муҳим дониста мешавад. Аз ҷумла, барои баҳогузории ҳолати таҳкимёбии низоми демократӣ зарур мешуморем, ки ҳолати рушди мақомоти қонунгузор, шароитҳои амали низоми судӣ ва ниҳодҳои ҳокимияти иҷроия, рушд ва фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хусусан, низоми ҳизбии амалкунанда ҳамаҷониба омӯхта ва баҳогузорӣ гарданд. Дидгоҳи ниҳодӣ ба нақши ниҳодҳои мухталиф ва режимҳои ниҳодинашуда дар мустаҳкамсозии демократия таваҷҷуҳ менамояд. Дар мустаҳкамшавии демократия ҷиҳати муҳимро таҳкими ниҳодҳои демократӣ ташкил медиҳад.

Аслан низоми демократиро бидуни фаъолияти функсионалии ҳизбҳои сиёсӣ ва таъсиргузории онҳо дар шаклгирии сиёсати як ҷомеа тасаввур намудан ғайриимкон аст. Агар мо ба зуҳури таърихии ҳизбҳои сиёсӣ таваҷҷуҳ намоем, пас он ба пайдоиши ниҳодҳои намояндагӣ чун парлумонҳо, бунёди низомҳои ҷумҳуриявӣ ва рушди рақобати нерӯҳои сиёсӣ барои расидан ба қудрати сиёсӣ пайванди ногусастанӣ дошт.

Раванду ҳодисаҳои таърихӣ дар охири солҳои 80-ум ва оғози солҳои 90-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як навъ “нуқтаи оғози” ташаккули давлату давлатдории навин ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин давра дар ҳудуди кишвари мо ташаккули падидаҳои муосири демократӣ оғоз гардид, ки яке аз онҳо ниҳоди бисёрҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Бисёрҳизбӣ шаҳодати муҳими мустаҳкамгардии асосҳои демократии давлат, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Бо иштироки ҳизбҳои сиёсӣ мақомоти намояндагӣ ва қонунгузории ҳокимияти давлатӣ – парламент ташаккул меёбад.

**2. Иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола баёншуда.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи дессертатсия дар муайян намудани ҳадаф, предмет ва объекти тадқиқот, мудаллал сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот зоҳир мегардад. Иштироки бевоситаи унвонҷуй дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия зоҳир мегардад.

**3. Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқарраропт ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои сиёсӣ, муҳаққиқони барҷастаи Ғарб, форсу тоҷик ва ғайра, ки бевосита ба масъалаи таҳқиқшаванда рӯоварӣ намудаанд, такя намудааст.

**4. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муосибати сиёсии таҳлили бисёрҳизбӣ ҳамчун омили асосии демократикунонии ҷомеа зоҳир мегардад. Навгонии мушаххаси таҳқиқ дар ҷанбаҳои зерин ифода гардидааст:

-ба таври маҷмӯавӣ ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳоди асосии амалинамоии ҳокимияти сиёсӣ дар шароити муосир

мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, муаллиф назари худро нисбати масъала муайян намудааст, таснифоти бисёрҳизбиро ҳамчун ниҳоди ташаккул ва баркарорсозандаи ҳокимияти сиёсӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили донишҳои назариявӣ ва амалияи сиёсии муосир пешниҳод намудааст;

- бо баррасӣ ва таҳлили вазифа ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа нақш ва мақоми низоми бисрҳизбӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, дар таҳким ва рушди демократия, дар раванди амалишавии ҳокимияти сиёсӣ, дар намояндагӣ ва ҳифзи манфиат ва талаботҳои мухталифи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ошкор ва мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

-ба таври маҷмӯавӣ характер ва нақши ҳамкориҳои низоми бисёрҳизбӣ бо ҷанбаҳои мухталифи низоми демократӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарро гирифта, муаллиф мавқеи худро нисбати масъалаҳои гуногуни алоқаманд иброз намудааст;

-ба таври муҷмӯавӣ ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, заминаҳои асосии он дар солҳои охири мавҷудияти давлати шӯравӣ муайян гардида, сипас муаллиф дар асоси хусусият ва таркиби ҳизбӣ марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи бисёрҳизбиро дар Тоҷикистон пешниҳод намудааст;

- миёнаравии ҳизбҳои сиёсӣ байни ҳукумат ва ҷомеа ба таври маҷмӯавӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта, муаллиф масъалаҳои мухталифи фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар асоси қонунҳои амалкунанда ошкор намудааст;

-дар асоси раванду ҳодисаҳои муосир муаллиф шароити имрӯзаи бисёрҳизбӣ ва дурнамои онро дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст. Муайян карда шудааст, ки рушди минбаъдаи бисёрҳизбӣ на аз афзудани ҳизбҳои сиёсӣ, балки аз такмили қонунгузорӣ, таъмини шароит ва имконияти баробар барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ алоқаманд аст.

**5. Мақсади таҳқиқоти** диссертатсиониро омӯзиш, таҳлили мундариҷаи асосии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракату созмонҳои сиёсӣ дар шароити мавҷудияти низоми бисёрҳизбӣ дар раванди демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ташкил медиҳад.

**6. Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқ вазифаҳои зерин ҳал карда шудаанд:

- омӯзиш ва таҳлили бисёрҳизбӣ ҳамчун ниҳоди ташаккул ва баркарорсозии ҳокимияти сиёсӣ дар шароити муосир;

- ошкор намудани мақом ва нақши низоми бисёрҳизбӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир;

- омӯзиш ва таҳлили хусусият ва нақши ҳамкориҳои низоми бисёрҳизбӣ бо ҷанбаҳои мухталифи низоми демократӣ;

- омӯзиш ва таҳлили таҳаввулоти бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон ва ошкор намудани ҷойгиршавии нерӯҳои ҳизбӣ-сиёсӣ дар кишвар;

- омӯзиш ва таснифи ҳизбҳо ҳамчун миёнарав байни ҷомеа ва давлат дар таҷрибаи сиёсииТоҷикистони муосир;

- муайян намудани муаммоҳо ва дурнамои рушди низоми бисёрҳизбӣ дар раванди демократии Тоҷикистони муосир.

**7. Аҳамияти назариявӣ ва методии диссертатсия.** Аҳамияти мавзӯи интихобшуда дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия натиҷаи таҳқиқотҳои назариявии муҳаққиқони мухталифи ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод ва ҷамъбаст гардидаанд. Дар асоси чунин ҷамъбастнамоиҳо муаллиф таҳлил ва баррасии назарияҳо, хулосаҳои нав, тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст. Ҷамъбасти назарияҳо ва тавсияҳои муаллифро метавон бо мақсадҳои таълимӣ ва фаъолияти мақомоту идораҳои давлатӣ, ки ба масъалаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, равандҳои демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ алоқаманд мебошанд, мавриди истифода қарор дод. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, инчунин, барои дарки ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳодҳои асосии демократикунонӣ, бисёрҳизбӣ, пешниҳод ва ҳифзи

манфиат ва талаботҳои мухталифи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

**8. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Таҳқиқоти диссертатсия дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба анҷом расонида шуда, он ба шиносномаи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамояд.

Таҳқиқоти мазкур ҳамчунин бо "Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, махсусан бо самти "рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд" алоқамандӣ дорад.

**9. Ииъикоси маводҳои диссертатсия дар корҳои чопшудаи муаллиф:** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои илмии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар як қатор конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла: "Геополитикаи инноватсионии захираҳои стартегӣ: муаммо ва дурнамои рушд" (Хуҷанд, 2013), "Рушди илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар замони муосир: муаммо, ҳолат ва дурнамои инкишоф" (Хуҷанд, 2014), "Ҷавонон ва равандҳои ҷомеаи имрӯза" (Хуҷанд, 2016), "Накши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ". (Хуҷанд, 2016), Пешвои миллат – эҳёгари тамаддуни тоҷикон. (Хуҷанд, 2019) "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ". (Хуҷанд, 2020), "Масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар замони муосир" (Душанбе, 2020), "Консепсияи миллии тарбия- асоси тарбияи насли созандаю бунёдкор". (Хуҷанд, 2021), "СҲШ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ: 20 соли фаъолияти самарабахш ва дурнамо"( Хуҷанд, 2021) "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ". (Хуҷанд,

2020) ва ғайра ироа гардида, дар маводҳои конференсияҳои мазкур ба нашр расидаанд.

Доир ба мавзуи кори дессертатсионӣ 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди президенти Тоҷикистон нашр шудааст.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

***А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:***


1. Саидова М.А. Нақши низоми бисёрҳизбӣ дар таҳкими ҳокимияти сиёсӣ [Матн] / М.А. Саидова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои фалсафӣ. –Душанбе, 2022. № 2 (6). – С.94-100. ISSN 2710 - 4672
2. Саидова М.А. Омилҳои самаранокии низоми бисёрҳизбӣ дар таҳкими демократия [Матн] / М.А. Саидова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2021.-№ 3 (88). – С. 173-181. ISSN 2411-1945
3. Саидова М.А. Ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Саидова // Ахбори Академияи милли илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. –Душанбе, -2020.-№3 (011).-С.158-163 ISSN 2076-2569.
4. Саидова М.А. Мақоми бисёрҳизбӣ дар низоми сиёсии замони муосир [Матн] / М.А. Саидова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2022.-№ 3 (92). – С. 137-142. ISSN 2411-1945
5. Саидова М.А. Муносибатҳои тарафайни ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар шароити Тоҷикистон [Матн] / М.А. Саидова,

М.А. Акмалова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2023.-№ 10. – С. 223-235 ISSN 2413-5151

***Б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шуданд:***

7. Саидова М.А. Давлат унсури асосии системаи сиёсии ҷомеа [Матн] / М.А. Саидова // Маҷмӯаи мақолаҳо ва фишурдаи гузоришоти олимону устодон дар конференсияи илмӣ-назариявии ДДҲБСТ бахшида ба Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об таҳти унвони “Геополитикаи инноватсионии захираҳои стартегӣ: муаммо ва дурнамои рушд” – Хуҷанд. 2013. – С. 143-146.

8. Саидова М.А. Роль политического менеджмента в современном обществе [Текст] / М.А. Саидова // Маводи конфронси илмӣ-назариявии устодону олимони ДДҲБСТ таҳти унвони “Рушди илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар замони муосир: муаммо, ҳолат ва дурнамои инкишоф” (29-30 майи соли 2014). – Хуҷанд. 2014. – С. 442-445.

9. Саидова М.А. Мақом ва нақши менеҷменти сиёсӣ дар ҷомеаи муосир [Матн] / М.А. Саидова // Маводи конфронси 16-уми олимон ва муҳаққиқони ҷавони вилоят бахшида ба 20-солагии қабули Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон –Хуҷанд. 2016. –С. 98-101.

10. Саидова М.А. Идораи давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / М.А. Саидова // Маводҳои конференсияи илмию амалии олимони ҷавон, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрантони ДДҲБСТ таҳти унвони “Ҷавонон ва равандҳои ҷомеаи имрӯза”. – Хуҷанд, 2016. – С. 67-69.

11. Саидова М.А. Идораи давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / М.А. Саидова // Маводҳои конференсияи илмии донишгоҳӣ таҳти унвони “Нақши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ”. –Хуҷанд. 2016, -С.105-108.

12. Саидова М.А. Сиёсати дурбинонаи сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / М.А. Саидова // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ: Пешвои миллат – эҳёгари тамаддуни тоҷикон. – Хуҷанд: Дабир, 2019. - С.505-509.

13. Саидова М.А. Ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Саидова // Маводҳои Конференсияи анъанавии илмӣ – амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони “Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ”. –Хуҷанд. 2020. -С.163-165.

14. Саидова М.А. Масъалаи идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Саидова // Маводҳои Конференсияи илмӣ-байналмилалӣ “Масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар замони муосир”. Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. –Душанбе 2020. –С.134-141.

15. Саидова М.А. Ҷаҳонишавӣ ва хушёрии сиёсии ҷавонон дар раванди сиёсӣ [Матн] / М.А. Саидова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ таҳти унвони “Консепсияи миллии тарбия-асоси тарбияи насли созандаю бунёдкор”. –Хуҷанд. 2021. –С. 436-441.

16. Саидова М.А. Авлавиятҳои ҳамкории Созмони ҳамкории Шанхай дар таъмини амнияти минтақа [Матн] / М.А. Саидова // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “СҲШ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ: 20 соли фаъолияти самарабахш ва дурнамо”. Хуҷанд, 2021. – С. 237-242.

17. Саидова М.А. Хусусиятҳои ташаккулёбии низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Саидова // Маводҳои конференсияи анъанавии илмӣ-донишгоҳӣ таҳти унвони “Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ”. –Хуҷанд, 2020. –С. 163-166.

Пас аз баромади унвонҷӯ Саидова Малика Абдурасуловна дар мавзуи “Бисёрҳизбӣ ҳамчун омили муҳими рушди равандҳои демократӣ

дар Тоҷикистони муосир” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Акмалова Мунира Абдунабиевна, баромади омузгорони кафедраи сиёсатшиносӣ н.и.с., дотсент Саидзода Ш.Ш, н.и.с., дотсент Якубов Ҷ.К, н.и.т., дотсент Қобилова С.Я дар асоси натиҷаи овоздиҳии кушод ва хулоса оид ба асолат, навгонӣ, аҳамияти кори илмӣ дар назария ва амалия, инчунин, дар асоси интишороти чопшудаи унвонҷӯ

**қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Саидова Малика Абдурасуловна дар мавзуи “Бисёрҳизбӣ ҳамчун омили муҳими рушди равандҳои демократӣ дар Тоҷикистони муосир”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии мустақилонаи анҷомёфта оригиналӣ мебошад. Он тамоми хусусиятҳои кори диссертатсиониро дар худ таҷассум менамояд.
2. Кори диссертатсионии мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-001 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод чунин аст:

«тарафдор» – 17 нафар,

«зид» - нест,

«бетараф» – нест.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2023, протоколи №2 қабул гардидааст.

**Раиси маҷлис,**

мудири кафедраи

сиёсатшиносии факултети

сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДҲБСТ Саидзода Ш.Ш.

**Котиби маҷлис,**
н.и.с., дотсенти кафедра Якубов Ҷ.К

Имзоҳои Ш.Ш.Саидзода ва
Ҷ.К. Якубовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.

**Суроға:**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи1,
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
тел: +992(3422) 2 38 11, www.tsulbp.tj